“Тасдиқ мекунам”
Ректори ДБЗХТ ба номи
Сотим Улуғзода, профессор
__________ Гулназарзода Ж.Б.
«_14_»__________ соли 2023

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ ЗАБОНШИНОСӢ ВА РӮЗНОМАНИГОРИИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод гардидааст, дар кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Азимова Сайёра Назриевна соли 2016 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакиро хатм карда, дорандаи диплом аз рӯйи ихтисоси «муаллими забон ва адабиёти тоҷик» гардидааст.

Аз соли 2018 ба сифати ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2023 ба ҳайси котиби Шурои илмӣ-методии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода фаъолият дорад.

Номбурда аз соли 2020 инҷониб унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2023, №216 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Гулназарзода Ж.Б., доктори илми филология, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони "Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии" "Анвори Суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ" аз 28-уми марти соли 2020, таҳти №8 тасдиқ гардида, дар кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории АИДНПҶТ омода шудааст.

Диссертатсия бори аввал дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ 24 феврали соли 2023 мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Вобаста ба хулосаи ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди муқарризон муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияро ба инобат гирифта, мавзуи диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевнаро бо номи «Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)» барои муҳокима ба кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод кард.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи мазкур аз санаи 12.10.2023, № 3 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз баррасии диссертатсия таҳти унвони «Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)» кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир, яъне ба таҳлилу омӯзиши «Навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» бахшида шудааст.

**Унвонҷӯ мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро чунин асоснок менамояд:**

Аҳаммият ва зарурати анҷом додани чунин таҳқиқотро ҳамин омил тақозо менамояд, ки дар вазъи имрӯза дар забоншиносии тоҷик корҳои илмии бахшида ба таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни маънои калимаҳо дар доираи низоми маъношиносии луғавии забон ҳанӯз ангуштшумор мебошанд. Барои илми маъношиносии ватанӣ таҳқиқи пурвусъати ҷойгоҳи низоми маънои луғавӣ дар маъношиносии луғавӣ, муайян намудани монандӣ ва фарқияти намудҳои мухталифи маъно, аз қабили навъҳои маънои луғавӣ, ошкор намудани механизмҳои ташаккул ва ривоҷ ёфтани таносуби маъноӣ дар байни ҷузъҳои маънои бутун ва дигар масъалаҳои илми маъношиносӣ хеле мубрам ва саривақтӣ аст. Ғайр аз ин, муҳиммияти таҳлилу омӯзиши мавзуи мазкур аз он сар мезанад, ки ҳамаи навъҳои маънои луғавӣ дар доираи парадигматикаи воҳидҳои луғавии забон ташаккул меёбанд. Аз ин хотир, таҳлил намудани хусусияти марзи маъноӣ, нишон додани вижагиҳои гипонимия ё шумули маъноӣ, дарки чунин навъҳои муносибатҳои маъноӣ ба монанди ҷузъвожагию воҳидвожагӣ, инчунин, тақобули маъноӣ дар асоси маводи "Анвори Суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз нигоҳи назарияи забон моҳияти анҷомдиҳии кори диссертатсионии мазкурро муайян кардааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқи** диссертатсиониро осори илмӣ ва назариявии муҳаққиқони забоншиноси давраи классикии тоҷик, ба монанди Абунасри Форобӣ, Абуалӣ Сино, Насриддини Тӯсӣ, Шамс Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ; давраи муосири тоҷик чун М. Қосимова,

С. Ҳалимиён, Ж. Гулназарзода; забоншиносони рус Н. Ф. Алифиренко, Ю. Д. Апресян, О. С. Ахманова, В. В. Богданов, В.Т. Булигина, В.В. Виноградов, В.И. Говердовский, М.А. Кронгауз, Л.А.Новиков ва Ғарб, аз қабили Й. Трир, Ҷ.Лайонз, Ш.Балли, Г.Миллер, Л.Вайсгербер ташкил медиҳанд, ки зимни асарҳои илмиашон назари худро баён кардаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ**. Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он аст, ки нахустин бор вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносии лингвистӣ, паҳлуҳои гуногуни намудҳои маънои луғавӣ дар асари машҳури асри XV “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар забоншиносии тоҷик баррасӣ гардида, масъалаҳои мухталифи маънои онҳо рӯйи кор омадааст. Интихоби таҳлили маҳз вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар асар аз ҷиҳатҳои зерин иборат аст:

- бори нахуст дар доираи илми маъношиносӣ ба таври амиқ дар асоси назарияҳои гуногуни илмии маъношиносони ватанӣ ва хориҷӣ хусусияти маъношиносии лингвистӣ, навъҳои маънои луғавӣ дар низоми маъноӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ пажӯҳиш гардида, намудҳои маънои прагматикӣ, денотативию сигнификативӣ, инчунин маъноҳои услубӣ, коннотативӣ ва эҳсосӣ, нақшу мухтасоти онҳо дар низоми маъноии асар таҳқиқ шудаанд;

- таносуби маъноҳои дар дохили низоми маъноии асар қарордошта дар ҳолати якмаъно ва сермаъно будан, маънои маҷозӣ ва фразеологӣ пайдо намудани ҷузъҳои маъноӣ ба таҳлил фаро гирифта шудаанд;

- нахустин бор яке аз паҳлуҳои хеле муҳим ва мураккаби маъношиносӣ, яъне шумули маъноӣ ё ба истилоҳ гипонимия дар «Анвори Суҳайлӣ” таҳлилу таҳқиқ гардидааст;

- аз ҷиҳати илмӣ мафҳуми марзи маъноӣ ва мавқеи он дар асар таҳлилу баррасӣ гардидааст, ки дар ин самт корҳои диссертатсионӣ ангуштшуморанд;

- дар баробари ин, ҳодисаҳои маъноии ҷузъвожагӣ (меронимия) ва воҳидвожагӣ дар “Анвори Суҳайлӣ” бо таҳлил фаро гирифта шудаанд, ки

ба масъалаи забон ва услуби нигориши асар марбут буда, аз фасоҳати ҳусни баён, маҳорату истеъдоди нависандагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, мутаносибии маъноҳои дар асар корфармудаи ӯ шаҳодат медиҳанд;

- яке аз навгониҳои назарраси таҳқиқоти фавқ таҳлили тақобули маъноӣ дар мисоли намунаҳои асар мебошад. Бинобар ин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дар мисоли баъзе гурӯҳҳои луғавию маъноӣ бонизом будани маънои луғавиро дар доираи ин ё он марзи маъноӣ собит намояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Омӯзиши вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар намунаи асари бадеӣ барои муайян намудани ҷойгоҳи маънои луғавӣ дар низоми маъношиносӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад. Пажӯҳиши хусусияти маъно дар маъношиносии лингвистӣ дар заминаи осори адибон имкон медиҳад, ки навъҳои маънои луғавӣ, маҳорати адибон доир ба истифодабарии воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи маъно ошкор карда шаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия барои нишон додани вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ ва ба таҳқиқи оянддаи масъалаҳои маъношиносӣ мусоидат мекунад. Аҳаммияти илмию амалии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки бо таҳқиқи маъно, хусусан, маънои луғавӣ бо тарзу методи муосир баъзе хусусияти навъҳои маънои луғавӣ дар низоми маъношиносӣ баррасӣ мегардад ва дар такмили вижагиҳои маънои луғавие, ки дар ин низом нақши хосса доранд, мусоидат мекунанд. Дар заминаи таҳқиқ омода сохтани дастурҳо доир ба маъношиносӣ, маъно ва хелҳои он мумкин аст. Маводи таҳқиқ вобаста ба назарияи маъношиносии лингвистӣ дастури омӯзишӣ шуда метавонад.

Ҳамзамон натиҷаҳои бадастомада дар ҳалли масоили назариявии маъношиносӣ, аз ҷумла, маъношиносии луғавӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи маънои воҳидҳои луғавӣ дар масири таърихи забони адабӣ аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Натиҷаи таҳлили вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ барои

таҳқиқоти минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун замина ва асос хизмат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсиониро омилҳои зерин таъмин менамоянд: истифодаи заминаи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; муайян намудани мазмуну маънои истилоҳҳои соҳаи маъношиносӣ; муайян намудани ҷойгоҳи низоми маънои луғавӣ; такя ба маҷмуи усулҳои таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои таҳқиқ созгоранд; маънодории калима дар парадигматикаи луғавӣ; таҳқиқ ва таснифи ҷузъҳо, таҳлили луғавию маъноӣ, таснифи таркиби калимаҳои асар ба гурӯҳҳои луғавию маъноӣ, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқ ба миён гузошта шудаанд. Муътамадии натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳия ва нашр намудани мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, дигар маҷаллаҳои илмӣ, баромаду маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳои илмӣ ифода ёфтаанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба масъалаҳои назариявии маъношиносии лингвистӣ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар мушаххас намудан ва истифода бурдани методҳои муосири дараҷаи омӯзишу таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсионӣ, нишон додани вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар «Анвори Суҳайлӣ» ифода ёфтааст. Гузашта аз он, саҳми диссертант дар мустақилона иҷро намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ ва иштироки бевоситаи ин таҳқиқ дар масъалагузориҳои мавзуӣ, таҳқиқи назариявӣ, таснифу таҳлилҳо ва ҳамчунин дар ҷамъбасту натиҷагириҳои таҳқиқот назаррас аст.

Муаллиф аз натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои кор дар конференсия ва симпозиумҳо баромад намудааст. Натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳо интишор ёфтаанд. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар баромад ва маърузаҳои конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ (1), ҷумҳуриявӣ (1) ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ (4) ба табъ расидаанд, инъикос шудааст.

Кори мазкур бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ таҳия гардида, маводи таҳлилии он дар мувофиқат бо сохтор ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот асос ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **“Хусусияти маъношиносии лингвистӣ”** ном дорад, оид ба маъношиносӣ дар забон маълумот медиҳад. Ин боб аз чор зербоб иборат буда, зербоби аввали он масъалаи омӯзиши назариявии маъношиносии лингистиро баррасӣ менамояд, зербоби дуюми он оид ба маъношиносии лингвистӣ ва мавқеи он дар бахшҳои забон маълумот медиҳад. Дар зербоби сеюми боби номбурда типологияи маъно дар маъношиносии лингвистӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва инчунин зербоби чорум масъалаи ҷойгоҳи низоми маънои луғавӣ дар маъношиносии лингвистиро баррасӣ менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони ифодаи навъҳои маънои луғавӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” масъалаҳои маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ ва маънои парадигматикӣ дар асоси маводи “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар доираи ду зербоб таҳқиқ шудаанд, ки дар навбати худ зербоби аввал маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ ҳамчун навъи маънои луғавӣ, ҷузъи денотативӣ, ҷузъи сигнификативӣ, таносуби денотативӣ-сигнификативӣ дар ифодаи ин навъи маънои луғавӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар зербоби дуюм бошад, маъноҳои прагматикӣ, конотативӣ, эҳсосӣ ва услубӣ дар асоси маводи асари мавриди таҳқиқ шарҳу тавзеҳ дода шудааанд.

Боби сеюми диссертатсия “Парадигматикаи луғавӣ ва маъноӣ дар “Анвори Суҳайлӣ” ном дорад. Дар ин қисмати диссертатсия панҷ зербоб ҷой дода шудааст. Зербоби аввали ин боб “Маъно ва маънодории калима дар парадигматикаи луғавӣ” ном дошта, зербоби дуюм “Мавқеи марзи маъноӣ дар низоми парадигматикаи луғавӣ унвон гирифтааст. Дар зербобҳои сеюму чорум перомуни масъалаи гипонимия ва меронимия баҳс мекунанд. Зербоби панҷум “Тақобули маъноӣ дар “Анвори Суҳайлӣ” ном дорад”.

Натиҷаи бадастовардаи муаллиф дар 7 банди алоҳидаи хулосаи диссертатсия оварда шудаанд.

**I.Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Азимова С.Н.** Ҷойгоҳи маъно дар маъношиносии лингвистӣ / С.Н.Азимова // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих), №4 (48), 2022. – С.113-119.

[2-М]. **Азимова С.Н.** Тобишҳои маъноии вожаҳои соматикӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С.Н.Азимова // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих), №1 (49), 2023. – С.34-44.

[3-М]. **Азимова С.Н.** Гипонимия дар “Анвори Суҳайлӣ” / С.Н.Азимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, №3/32, 2023. – С. 52-59

[4-М].**Гулназарзода Ж.Б., Азимова С.Н**. Хелҳои маънои прагматикӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Ж.Б.Гулназарзода, С.Н.Азимова // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих), №4 (47), 2023. – С.5-16

## II.Дигар нашрияҳо:

[5-М]. **Азимова С.Н.** Феълҳои таркибии номӣ (дар мисоли эҷодиёти Ҳ.В.Кошифӣ ва Сотим Улуғзода) / С.Н.Азимова // Сиёсати давлатии забон дар даврони истиқлол.(Маҷмуи мақолаҳои илмӣ). –Душанбе, 2021. – С. 59-63.

[6-М]. **Азимова С.Н.** Навъҳои маънои луғавӣ дар “Анвори Суҳайлӣ”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С.Н.Азимова // Донишгоҳи давлатии Фарғонаи Ҷумҳурии Узбекистон, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Актуальные проблемы антропосцентрической лингвистики” бахшида ба 60-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Искандаров Шарифхон Мадалиевич. – Фарғона, 2023. - С. 173-179

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардида, ҳамзамон тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи **«Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ навишта шудааст. Диссертатсия ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Дар ин замина, кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи мазкурро барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 01.02.19 – Назарияи забон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия медиҳад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 15 нафар, "муқобил" – 0 нафар, "бетараф" – 0 нафар, суратҷаласаи №3, аз 12.10.2023 с.

Раисикунанда:
Мудири кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигории ДБЗХТ
ба номи С.Улуғзода, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Сафарова Гулчеҳра Файзовна

Котиби илмӣ: Давлатов Ифтихор Асрорович

Имзоҳои Г.Ф. Сафарова ва И.А. Давлатовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
"14" октябри соли 2023

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj